# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.KOA-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. - Химияи органикӣ

Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо актуалӣ буда, дар он бори аввал бо тариқаҳои спектри инфрасурх, спектри массавӣ, резонанси магнитии ядро, резонанси магнитии протон, таҳлили элементӣ, реаксияҳои сифатӣ, хроматографияи маҳинқабат ва хроматографияи самаранок оид ба муайян кардани таркиб, сох, тозагии аминокислотаҳо ва стероидҳои ҷудокардашуда аз экстрактҳои қисматҳои рӯйизаминии поя ва барги мармараки мускатӣ (*Salvia sclarea* L.), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд амалӣ шуда, мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Мавзуъ ва мазмуни кори диссертатсионии Давроншозода Ф.Д. ба шиносномаи ихтисоси 1.4.4 - Химияи органикӣ, ки бо қарори Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад. Таҳқиқотҳои диссертатсия ҷанбаҳои асосии илмии ихтисоси 1.4.4-Химияи органикиро дақиқ инъикос намуда, ба талаботи муайяне, ки дар шиносномаи ин ихтисос муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия дар озмоишгоҳи «Химия ва технологияи растаниҳои доругӣ»-и Институт илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мутобиқ ба лоиҳаҳои фармоишии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуи «Омӯзиши фитохимиявии растаниҳои шифобахш ва худрӯйи Тоҷикистон бо мақсади дарёфти моддаҳои фаъоли биологӣ ва маводи доругӣ» (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0121TJ01002) иҷро карда шудааст.

Мубрамии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он аст, ки ба сифати объекти таҳқиқот растаниҳои шифобахши мармараки мускатӣ (*Salvia sclarea* L.) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда мавриди таҳқиқ қарор додааст. Омӯзиши муфассали растаниҳои шифобахш, истифодаи амалии онҳо дар соҳаҳои гуногун химияи органикӣ, тиб ва дорусозӣ яке аз самтҳои афзалиятноки илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар таълифоти нашршудаи довталаб дар асоси таҳқиқоти васеъи химиявӣ як қатор масъалаҳои асосии илмӣ, ки дар химияи органикӣ аҳамияти амалӣ доранд, мавриди омӯзиш қарор гирифта шуда, ҳалли худро ёфтанд. Равиши методологии дар кори диссертатсионӣ татбиқшуда ва натиҷаҳои таҷрибавии дар асоси он ба даст овардашуда, имкон дод, ки дар бораи самаранокии истифодаи пайвастаҳои

органикии ҷудокардашуда аз экстрактҳои қисматҳои рӯйизаминӣ поя ва барги мармараки мускатӣ (*Salvia sclarea* L.), ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд ба роҳ монда шавад.

Коркардҳои илмӣ, ки аз рӯйи натиҷаҳои корҳо аз чоп баромадаанд, дар таҳияи барномаҳои таълимӣ дар химияи органикӣ, биохимия, курсҳои махсус, ҳангоми ҳондани лексияҳо, иҷрои корҳои лабараторӣ, навиштани корҳои курсӣ, хатмкунӣ ва диссертатсионӣ дар факултетҳои химия ва биологияи Донишгоҳҳои олӣ метавонанд мавриди истифода қарор гиранд.

Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар 17 мақола, аз ҷумла 5-тоаш дар маҷалаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ, инчунин 7 мақола дар маҷмуаи конфронсҳои илмӣ ва 5-нахуспатенти ҶТ, 1-патенти авроосиёгӣ нашр гардидааст.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот таҳлилҳо, озмоишҳо, дурустии маълумотҳо, мақолаҳо собит карда шудааст. Бо истифода аз тариқаҳои муосири химиявӣ-биохимиявӣ: резонанси магнитии ядроӣ, резонанси магнитии протонӣ, СИ, масс-спектроскопӣ, таҳлили хроматографияи маҳинқабат ва самаранок таъмин ва асоснок карда шудааст.

Вобаста ба ин комиссияи экспертӣ ба хулосае омад, ки диссертатсияи Давроншозода Ф.Д. барои дифо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-010 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншоро дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. - Химияи органикӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Давроншозода Файзулло Давроншо дар мавзуи «Таҳқиқи аминокислотаҳо ва стероидҳои таркиби мармараки мускатии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯянда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4. - Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 1.4.4. - Химияи органикӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Бандаев Сироҷиддин Гадоевич** - доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологияи факултети химияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ;

- **Олимзода Раҳмонали Амоналӣ** - номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи Химияи умумии Донишгоҳи давлатии Данғара;

3. **Ба сифати муассисаи пешбар** – «Маркази инноватсионии Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ»-и Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда идозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои химия Пулатов Э.Х.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои химия, дотсент Зоидова М.Т.

номзади илмҳои химия, дотсент Акбарова М.М.

«29» 12 соли 2025.

РАЁСАТИ РУШДИ КАДРӢ / УПРАВЛЕНИЕ РАЗВИТИЯ КАДРОВ — МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» / ГОУ «Таджикский государственный медицинский университет имени Абуали ибни Сино»

имзои/подпись Зоидова М.Т.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УРК
«29» 12 2025 с/г

ОТДЕЛ КАДРОВОЙ ПОЛИТИКИ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ — Филиал Московского государственного университета им. М.В. Ломоносова в г. Душанбе